**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар" Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*LAMIACEAE*MART.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника пешниҳод шудааст.**

Оилаи Лабгулҳо яке аз оилаҳои калони олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад. Моҳияти мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда шудааст. Тақиқот нишон додаст, ки дар минтақаи омӯзиши 33 авлод ва 47 намуди оилаи лабгулҳо рушду ниму доранд. Минтақаҳои паҳншавии оилаи лабгулҳо дар таркиби типҳои нбототи ҳудуди қисмати ҷанубии қаторкӯҳои Ҳисор, инчунн фитосенолгия ва сохтори сенопопулясияҳои баъзе намояндаҳои оилаи *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz., *Nepeta catarica* Juz.,. *Salviaskfarea* L бори аввал мавриди омӯзиш қарор доштаанд. Дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои фитосенологии ин растаниҳо маълум гардидаст, ки аз онҳо 8 намудашон форматсияро ба амал овардаанд. Бисёр намудҳои ин оила хусусиятҳои шифобахшӣ, ороишӣ доранд, инчунин хӯрок барои чорво истифода мешаванд.

Тадқиқоти илмии ба дастовардаи Абдуғафури Сафар оиди ин мавзӯъ дар ташаккули илмҳои биологӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Кори ба анҷом расонидаи диссертатсионии муаллиф сермаҳсул ва ояндадор буда, тавсияҳои истифодаи амалии натиҷаҳои ба даст оварда дар он дарҷ гардидаанд.

Аз рӯйи маводи диссертасия 8 маводи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 фишурда дар маводи конфиренсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд. Натиҷаи тадқиқоти муаллиф дар автореферат ҳам бо забони русӣ ва ҳам тоҷикӣ бо усули замонавии

соҳавии умумиқабулшуда, хеле хуб навишта шудааст.

Мавзӯи тадқиқотии интихоб намудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи биология ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар“Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*LAMIACEAE* MART.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор", ба талаботи пешниҳод кардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 “тартиб додани дараҷаҳои илмӣ” ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01- Ботаника арзанда аст.

Дотсенти кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетикаи МДТ “ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино”, аз рӯи ихтисоси 03.02.01. Ботаника. Наврузшоева Г.Х.

Тел. +992 93 463 83 75
E-mail: gulya1580@inbox.ru

Имзои Наврузшоева Г.Х-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати рушди кадрии МДТ “ДДТТ ба номи Абӯали ибни Сино” Сафаров Б.И.
Суроға: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Сино 29-31
27.05.2024